# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек зери унвони “Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Мусаллам аст, ки таҳқиқи забонии осори бузургони гузашта ҷиҳати муқаррар намудани ҳусну қубҳ ва ҳолати имрӯзаи забони адабӣ кумаки бевосита расонида, ҳамчунин анъанаҳои маънофариву калимасозии қадима ба ин васила эҳё мегарданд. Рисолаи мавриди назар, ки аз ҷониби унвонҷӯ Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек таҳия гардидааст, дар самти муайян намудани арзиши забоншиносии осори сардафтари адабиёти классикии тоҷик, одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иқдоми наҷиб ва саривақтӣ маҳсуб мешавад.

Муаллифи диссертатсия бо риояи талаботи навтарини корҳои илмӣ тавонистааст, ки дар доираи муқаддима, ду боб, 7 зерфасл ва 23 зерфасл мавзуи интихобшударо ҳаллу фасл намояд ва ба натиҷаҳои ниҳоӣ даст ёбад. **Дар боби аввали диссертатсия, ки “Таҳқиқи қабатҳои луғавии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ”** унвон дорад, асосан, гурӯҳҳои мавзуии осори адиб мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Зикр мегардад, ки Рӯдакӣ дар ашъори гуногуни худ тавонистааст қабатҳои луғавии забони форсӣ-тоҷикиро бо рангубор ва ҷилваҳои маъноии тару тоза пешниҳод созад ва дар ин замина захираи луғавию маъноии забонро ғанӣ гардонад. Дар ин самт **калимаҳои ифодагари номҳои узвҳои бадан- соматизмҳо шахс, машғулияти одамон, рутбаву мансаб** ва ғайраҳо бартарӣ доранд. Ин калимаҳо дар зери қалами шоир ҳам бо маънои аслии луғавӣ ва гоҳе бо маънои маҷозӣ корбаст шудаанд.

**Дар боби дуюми диссертатсия бо номи “Таҳқиқи сохтории таркиби луғавии ашъори устод Рӯдакӣ”** вижагиҳои калимасозии осори шоир ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар фаслҳои алоҳидаи он ба масъалаҳои пасвандҳои исмсоз, сифатсоз ва калимаҳои мураккаб таваҷҷуҳ шуда, қайд

мегардад, ки аз пасвандҳои исмсоз бештар пасвандҳои **–ӣ** ва **–гӣ** дар калимасозӣ фаъол буда, пасвандҳои сифатсоз дар муқоиса бо онҳо бештаранд. Муаллиф дар фасли чоруми боби мазкур калимаҳои мураккаброро таҳлил намуда, қолабҳои зиёди созмон ёфтани онҳоро бо мисолҳои муътамад исбот месозад. Таъкид мешавад, ки дар назми устод Рӯдакӣ калимаҳои мураккаби исмии навъи копулятивӣ ва детерминативӣ мавқеи устувор доранд. Дар баробари чунин калимаҳои мураккаб сифатҳои мураккаби навъи тобеъ низ мушоҳида мешаванд, ки онҳоро муаллиф ба ду гурӯҳ дастабандӣ намудааст. Дар ин миён калимаҳои мураккаби навъи омехта камтар дучор мешаванд, ки муаллиф чунин ҳолатро ба сохтори як андоза мураккаб ва ифодаи маънову мафҳум дар қолаби онҳо медонад. Ба монанди **шакарханда, бузургмардӣ, солхӯрда** ва монанди инҳо.

Хулосаи диссертатсия дар доираи 12 банд натиҷагириҳо аз таҳқиқоти диссертатсиониро фаро гирифта, тавсияҳои амалӣ ҷиҳати боз ҳам ғанӣ гардидани назария ва амалияи риштаҳои луғатшиносӣ, маъношиносӣ ва калимасозии забоншиносии тоҷикӣ пешниҳод гардидаанд.

Бегумон, диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек зери унвони **"Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ"** кори таҳқиқотии анҷомёфта мебошад. Муаллиф дар заминаи таҳлили маводи фаровони илмиву бадеӣ тавонистааст, ки ба ҳалли илмии мавзуъ даст ёбад ва сохтори онро вобаста ба талаботи корҳои илмӣ мураттаб созад. Бо вуҷуди афзалиятҳои ишорашуда ҳангоми мутолиаи автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо ба чашм хӯрданд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Аз қабили:

1. Ба назари мо, қисматҳои "Навовариҳои илмии таҳқиқ" ва "Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ" ба таҳриру такмил ниёз доранд, зеро дар онҳо на ҳама нуктаҳои лозимӣ зикр гардидаанд.

2. Хубтар мебуд, агар номи боби дуюми диссертатсия ба монанди боби аввал дар шакли "Таҳқиқи сохтории таркиби луғавии ашъори

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” оварда мешуд. Ба гумони мо, дар номи боб истифодаи калимаи “устод” на он қадар мувофиқ ва меъёрӣ аст.

3. Сарчашмаҳои илмии дар поварақи автореферат овардашуда ва таълифоти илмии муаллиф вобаста ба риояи аломатҳои китобат таҳрири ҷиддӣ мехоҳанд.

4. Дар авторефрат баъзан ғалатҳои имлоиву китобат ҷой доранд.

Бешак, нуқсонҳои зикршуда ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қиммати илмии онро кам намекунанд. Диссертатсия ва автореферати он ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, мақолаҳои нашршуда мазмуну муҳтавои онро инъикос намудаанд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек зери унвони “Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи адабии муосири
тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Дустзода Ҳ.Ҷ.

Имзои Дустзода Ҳамрохон
Ҷумъаро тасдиқ мекунам: Тавқиев Эмомалӣ Шодихонович
Сардори РК ва КМ ДМТ
08. 04. 2024

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: 221-77-11, 904.41-84-80.
E-mail: dustov.hamrokhon@mail.ru
Сомонаи расмӣ:www.tnu.tj